# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол, ки дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси **6D050600** – Иқтисодиёт **(6D050607** – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.

Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол соли 2010 пас аз хатми мактаби миёна ба факултети иқтисодиёт ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2014 муассисаи номбурдаро бомуваффақият хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2016 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 бо ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит хатм менамояд. Соли 2019 тибқи фармони ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10-уми октябри соли 2019 ба ҳайси докторант (доктор PhD)-и шӯъбаи рӯзона аз рӯйи ихтисоси 6D050600- «Иқтисодиёт» дохил шуда, соли 2022 бомувафақият хатм намудааст.

Аз соли 2015 то соли 2023 дар Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият менамояд. Аз моҳи майи соли 2023 то ин ҷониб дар вазифаи муовини директор оид ба корҳои таълими истеҳсолии МДТ «Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе» кор ва фаъолият дорад.

Интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, масъалагузории мантиқиву дарки дурусти масъалаҳои асосӣ, ҷамъоварии маълумотҳои назариявӣ ва таҳлилӣ, ақидаҳои назариявӣ ва мушоҳидаҳои шахсӣ, инчунин истифодаи маводҳои илмиву таҳлилӣ собит менамоянд, ки диссертант моҳияти асосии мавзуи таҳқиқотиро аз худ намуда, бо сабку услуби хоса рисолаи диссертатисонии худро вобаста ба талабот ва меъёрҳои зарурӣ таҳия намудааст. Воқеан навгониҳои илмии диссертант

аҳаммияти илмиву назариявӣ ва амалӣ дошта, дар асоси таҳқиқоти амиқи мавзуъ ба даст оварда шудааст, ки хулосаҳои мушаххас ва ақидаҳои илман асоснок кардашуда мушаххасоти онҳоро асоснок менамоянд. Инчунин, паҳлӯҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқотии докторант Қурбонзода А.А. дар чорабиниҳои илми сатҳи гуногун маърӯза гардида, ҳамзамон дар маҷаллаҳои илмӣ, бахусус маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Ба докторант муяссар гардидааст, ки дар асоси фарзияҳои илмии мавҷуда ва ақидаҳои назариявии намояндагони мактабҳои иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ назарияи илмии худро оид ба такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯроквории таҳия намояд, ҳамзамон татбиқи амалии онро дар ҳамоҳангии истеҳсолоти соҳаҳои кишоварзӣ, хизмат ва савдо дуруст асоснок намудааст. Инчунин вобаста ба механизмҳои молиявии давлатӣ дар самти рушди корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат собит намудааст, ки ҷиҳати коҳиш додани сатҳи вобастагии бозори дохила аз маҳсулоти саноати хӯроквории мамлакатҳои хориҷа таҳияи механизми молиявӣ дар сатҳи микроиқтисодиёт ва ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ метавонад ба раванди истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноатии мамлакат таъсири мусбӣ расонида, ба ҳамин васила ба татбиқи ҳадафҳои олии мамлакат мусоидат намояд.

Қурбонзода А.А. дар таҳқиқоти худ муайян намудааст, ки дар баробари алоқамандии рушди корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат аз механизмҳои молиявӣ, алоқамандӣ ва вобастагии соҳа аз вазъи бозори молия, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории тайёр ва ашёи хоми хориҷӣ, инчунин ҳаҷми истеъмолот ва танзими нархии маҳсулоти хӯрокворӣ вуҷуд дорад. Вобаста ба ин, нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ ва макроиқтисодии иқтисодиёти мамлакатро мавриди таҳлил қарор дода, унсурҳои асосии рушди соҳаи саноати хӯроквориро дар асоси тағйирёбии мунтазами вазъи бозор таҳқиқ намуда, тавассути модели регрессионии сатҳи алоқамандии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати

хӯроквории мамлакатро муайян намудааст. Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои ба дастовардашуда, иқтидори молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат, инчунин омилҳои нархи, истеъмолӣ, сатҳи беқурбшавии асъори хориҷӣ дурнамои иқтисодии нишониҳандаҳои ҳаҷми содиротӣ ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории мамлакатро таҳия намудааст.

Қурбонзода А.А. муаллифи 10 мақолаҳои илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 тояш дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп карда шуда, 6 тояш дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба чоп расонида шудаанд.

Хулоса диссертатсияи Қурбонзода А.А. ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ихтисоси **6D050600** – Иқтисодиёт (**6D050607** – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҷавобгӯ буда, дар ҳамин шакле, ки дисертатсия пешниҳод шудааст метавон онро барои дифо ба Шурои диссертатсионӣ тавсия намуд.

Қурбонзода А.А. дар оилаи коргар ба дунё омадааст ва таҳти таъсири бевоситаи волидон ва омӯзгоронаш тарбияи илмӣ-амалӣ гирифтааст. Дар симои ӯ як шахсияти дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҳисси миллӣ ба камол расида, дида мешавад.

Бояд қайд кард, ки рисолаи диссертатсиониро низ дар муддати нисбатан кӯтоҳ мувофиқи нақша навишта, ба охир расонид. Диссертант дар байни донишҷӯён ва омӯзгорони Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе, инчунин донишҷӯёну омӯзгорони Литсейи касбии алоқаи шаҳри Душанбе обрӯю эътибори баланд дорад.

Қурбонзода А.А. дар ҳаёти ҷамъиятии шаҳр ва ҷумҳурӣ иштироки фаъолона дорад. Дар чорабиниҳои гуногуни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо иштирок намуда, соли 2021 аз тарафи ин кумита бо ифтихорнома сарфароз гардонида шудааст. Соли 2021 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми

Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Инчунин соли 2022 бо раҳматномаи Кумитаи иҷроияи шӯрои генералии Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Бо боварии комил гуфта метавонам, ки баъд аз дифоъи рисолаи доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисос мо дар шахсияти Қурбонзода А.А. корманди ҷиддии мактаби олӣ, нававар ва омӯзгори асилро хоҳем дид. Аз ин рӯ ман аз ҳозирин хоҳиш менамоям, ки шогирди ман Қурбонзода Абдулло Абдуҷалолро зимни муҳокимаи рисолаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисос ва хулосабарорӣ оид ба қимматҳои назариявию амалии дисертатсия фаъолона дастгирӣ намоянд.

Роҳбари илмӣ,
н.и.и, дотсенти
факултети Иқтисод ва идораи ДМТ — Зияева М.Д.

Имзои Зияева М.Д.-ро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

15.05.2024